# Оё дидаед, ки агар дар назди дари яке аз шумо дарёе бошад, ки дар он ҳар рӯз панҷ бор ғусл кунад. Чӣ мегӯед, оё аз нопокиаш чизе боқӣ мемонад?

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Шунидам, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "Оё дидаед, ки агар дар назди дари яке аз шумо дарёе бошад, ки дар он ҳар рӯз панҷ бор ғусл кунад. Чӣ мегӯед, оё аз нопокиаш чизе боқӣ мемонад?". Гуфтанд: Аз нопокии ӯ чизе намемонад. Фармуд:" Он ҳам монанди намози панҷвақта аст, ки Аллоҳ гуноҳонро ба воситаи он пок мекунад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) намозҳои панҷгонаи шабонарӯзиро аз нигоҳи пок кардани гуноҳони сағира ва хатоҳо ба дарёе монанд кард, ки дар назди хонаи шахсе аст, ки ӯ ҳар рӯз худро дар он панҷ бор шустушӯй мекунад, ки дар натиҷа аз чирку нопокиаш чизе боқӣ намемонад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4968

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee